Барои ман хабар деҳ, оё ҳар гоҳ намозҳои фарзшударо бихонам, моҳи Рамазонро рӯза бидорам, ҳалолро ҳалол бидонам ва ҳаромро ҳаром бидонам

Аз Абуабдуллоҳ Ҷобир ибни Абдуллоҳи Ансорӣ (разияллоҳу анҳумо) ривоят аст, ки гуфт: "Марде аз Паёмбари Худо (Салому дуруди Аллоҳ бар ӯ бод) суол карда пурсид: "Барои ман хабар деҳ, оё ҳар гоҳ намозҳои фарзшударо бихонам, моҳи Рамазонро рӯза бидорам, ҳалолро ҳалол бидонам ва ҳаромро ҳаром бидонам ва ба онҳо чизе наафзоям, ба биҳишт дохил мешавам?" Паёмбар (Салому дуруди Аллоҳ бар ӯ бод) гуфт: «"Ope".

[Саҳеҳ] [رواه مسلم]

Паёмбар (Салому дуруди Аллоҳ бар ӯ бод) дар ин ҳадиси муборак баён медорад, ки ҳар касе намозҳои панҷгонаро адо кунад, агарчи намозҳои нафлӣ нахонад, ва моҳи рамазонро рӯза дорад ва рӯзаи нафлӣ нагирад, ҳалолро ҳалол донад ва онро анҷом диҳад ва ҳаромро ҳаром донад ва аз он дурӣ ҷуяд, дохили ҷаннат хоҳад шуд.

http://www.sunnah.global/hadeeth/tg/show/66525